Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

22 маи соли 2002. Чоршанбе № 38 (12781)

Дар фурўш нархи озод. Рўзнома соати 18.50 имзо гардид.

## Пазироӣ дар қароргоҳи Оқсарой



***Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом КАРИМОВ 17 май дар қароргоҳи Оқсарой сардиректори иҷрогари Ширкати «Коч Холдинг»-и Туркия Булент ЎЗОЙДИНЛИро пазируфт.***

— Дар бобати рушди муносибатҳои иқтисодии байни Ўзбекистон ва Туркия «Коч Холдинг» мақоми муҳимро ишғол менамояд, — гуфт ҳангоми мулоқот Ислом Каримов. — Бомуваффақият арзи ҳастӣ кардани корхонаи муштараки «СамКочАвто» дар Самарқанд ва ба мамлакатҳои хориҷа ба содирот баровардани маҳсулот яке аз комёбии калони ҳамкории дуҷониба ба ҳисоб меравад.

Дарҳақиқат, ҳоли ҳозир «СамКочАвто» чор номгўй автобус ва панҷ намуд мошинҳои боркашонро истеҳсол менамоянд. Ва мошинҳои мазкур баъди тай намудани 500 ҳазор километр роҳ ҳам таъмири асосиро талаб намекунанд. Ба туфайли босамарии сифатҳои техникӣ ин маҳсулот ҳам дар Ўзбекистон ва ҳам дар хориҷа талабгорони зиёди худро пайдо кардааст.

Мувофиқи бизнес-нақшаи корхонаи муштарак ҳаҷми истеҳсолот соли ҷорӣ нисбати соли 2001 ду баробар вусъат меёбад. Соли оянда нисфи автобусҳои истеҳсолшаванда ба содирот баровaрда мешавад. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда дар ин самт аллакай шартномаҳо ба имзо расонда шудаанд.

Ҳини мулоқот дар қароргоҳи Оқсарой масъалаҳои алоқаманди лоиҳаҳои нав оиди рушди минбаъдаи корхонаи муштараки «СамКочАвто», вусъати ҳамкорӣ байни корхонаҳои Ўзбекистон бо «Коч Холдинг» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**(ЎзА).**



## Маҳсулоти «Тонг»

Ҷамъияти саҳҳомии «Тонг» яке аз корхонаҳои кӯҳану аз ҳама номдори соҳаи саноати сабуки ҷумҳурият ба ҳисоб меравад. Соли 1923 ба фаъолият шурўъ намуда, аҳли меҳнати он 80-солагии ташкилёбии корхонаи дўстдоштаи худро соли оянда қайд мекунанд.

Корхонаи мазкур дар солҳои аввали истиқлолият низ аз сабаби баркандани риштаҳои алоқаи анъанавӣ ба як қатор душворию муаммоҳо рў ба рў гардид. Вале ба туфайли чашмикордонӣ, ташаббускорӣ ва ҷустуҷў роҳҳои ҳаллу фасли онҳоро дарёфта, ба роҳи ҳамвори пешрафт баромад. Алҳол якуним ҳазор нафар коркунони он барои хушсифату харидоргир гардидани маҳсули дасти хеш пайваста мекўшанд. Маҳсулот барои мардон, занон ва бачагон истеҳсол карда мешавад. Қисми зиёди онро палтоҳо, костюмҳо, курткаҳо, шимҳо ва корҷома ташкил медиҳанд. Азбаски номгўи маҳсулот пайваста тағйир меёбад, дар тўли сол навъи он аз сад адад ҳам мегузараду асосан барои қонеъ гардондани эҳтиёҷи сокинони ҷумҳуриятамон ба фурўш бароварда мешаванд. Ва ин маҳсулот кам нест. Соле ба муассисаҳои савдо ва истеъмолгарон як миллиарду шашсад ҳазор сўм маҳсулот расонда дода мешавад. Ва қисми зиёди онро маҳсулоти истеъмоли халқ ташкил медиҳад.

**Дар сурат:** дўзандагон **Гулнора ҚОРАБОЕВА, Элмира ГАЛЛААҲМЕДОВА, Светлана ТИТОВА, Марина ЮГАЙ** ва усто **Дилором МЎСОЕВА** ҳангоми машварат.

**Матн ва сурати Рўзмат ҶУМЪАНИЁЗОВ. (ЎзА).**

*«Универсиада–2002»*

## Маҷлиси кумитаи тадорук

***Дар ҳокимияти вилояти Бухоро маҷлиси кумитаи тадорук оид ба гузарондани мусобиқаҳои варзишии «Универсиада-2002» ба амал омада, дар кори он ҷонишинони ҳокими вилоят, ҳокимони шаҳру ноҳияҳо, ташкилот, корхона ва муассисаҳои мутасаддии вилоят иштирок намуданд.***

***Маҷлис таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Т. РИСҚИЕВ гузашт.***

Дар маҷлис масъалаҳо оид ба анҷом расондани корҳои тайёрӣ ба «Универсиада-2002, яъне таъмини фаъолона иштирок намудани тамоми варзишгарон-донишҷўён, ки аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд меоянд, бофароғат истироҳат намудани онҳо, фароҳам овардани шароит ба онҳо дар бобати шинос шудан бо ёдгориҳои таърихӣ, тарзи ҳаёти ба худ хоси бухороиён, урфу одатҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Сарҳаками бозиҳои варзишии «Универсиада-2002» Р.Исков аз хусуси ҳолати имрўзаи маҷмўъҳо ва майдончаҳои варзишие, ки мусобиқаҳо ба амал меоянд, дар хобгоҳҳо барои варзишгарон-донишҷўён фароҳам овардани шароит иттилоот дод.

Донишҷўёни варзишгар дар 13 маҷмўаву майдончаи калони варзишӣ ҳунари худро намоиш медиҳанд. Маросими кушоиш ва пўшидашавии «Универсиада-2002» дар варзишгоҳи марказии Бухоро ба амал меояд, ки мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ аз нав сохта шудааст. Барои гузарондани машғулиятҳо 16 толор ва майдон омода гардидааст. Майдончаҳое, ки мебояд давандагон маҳорати худро намоиш диҳанд, бо қолинҳои сунъие оро дода шудаанд, ки фирмаи машҳури «Политан»-и Олмон тайёр кардааст. Универсиада-иди варзиш мебошад. Дар айни замон он ҷўшу хурўши ҷавониро намоиш медиҳад. Аз ҳамин сабаб барои иштирокдорони он барномаҳои рангоранги фарҳангӣ таҳия гардидаанд. Донишҷўён вақти холии худро бо тамошои ёдгориҳои таърихии Бухорои қадиму ҷавон, иншоотҳое мегузаронанд, ки дар солҳои истиқлолият қад кашидаанд. Ҳамчунин онҳо аз барномаҳои мухталифи шавқовари театрикунондашуда бархурдор мегарданд.

Мусобиқаҳои мазкур, ки бо ташаббус ва ҷонибдории Президенти мамлакатамон гузаронда мешаванд, дар берун аз ҳудуди Ўзбекистон ҳам нуфузи калон пайдо мекунад. Аз ҳамин сабаб рафти мусобиқаҳо бевосита ба 30 мамлакати ҷаҳон намоиш дода мешавад.

Дар маҷлис ҷонишини Нахуствазир Ҳ.Кароматов, ҳокими вилояти Бухоро С.Ҳусенов иштирок намуданд.

**Илҳом САФАР, мухбири ЎзА.**

*Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон*

## Дар бораи бо ордени «Дўстлик» мукофотонидани Кюдзо КАТО

Барои хизматҳои калонаш дар омўзиш ва дар хориҷа тарғиб намудани мероси маънавиву аҳлоқӣ, таърих, ёдгориҳои меъмории халқамон, ҳиссаи калонаш дар рўшди равобити илмӣ байни Ўзбекистон ва Ҷопон олими ҳафриётшинос ва арбоби ҷамъитӣ Кюдзо Като бо ордени «Дўстлик» мукофотонида шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
3 маи соли 2002.

## Кюдзо Като: «Ман Ўзбекистонро дўст медорам!»

Мувофиқи Фармони Президент Ислом Каримов олими намоёни ҷопонӣ Кюдзо Като бо ордени «Дўстлик» мукофотонида шуд. Бо чунин мукофоти воло хизматҳои калони олим дар бобати амиқан омўхтани таърихи бои халқамон, ёдгориҳои таърихӣ, ҳамчунин мероси маънавиву фарҳангии он, ҳиссагузории ў ба рушди равобити илмӣ байни Ўзбекистон ва Ҷопон муносиб тақдир гардид.

Ба туфайли истиқлолият имкониятҳои калон дар бобати ба роҳ мондани равобит байни муассисаҳои илмии мо ва марказҳои баобрўи илмиву тадқиқотии хориҷа, олимони номдор фароҳам омаданд. Оқибат равобити илмии олимони ҳафриётшиноси Пажўҳишгоҳи илмиву тадқиқотии санъатшиносии Ўзбекистон ва Донишгоҳи Сокаи Ҷопон ба роҳ монда шуд.

Ҳамчун намояндаи ин муассисаи илмии ҷопонӣ К.Като ба тадқиқотҳои экспедитсияҳои байналхалқии ҳафриётшиносии ўзбекистониву ҷопонӣ сарварӣ карда, дар димнаи қадимаи Дилварзинтеппаи воҳаи Сурхон корҳои ҳафриётиро гузаронд. Олим, ки доктори фахрии Пажўҳишгоҳи илмиву тадқиқотии санъатшиносии Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон интихоб гардидааст, аз соли 1998 боз дар экспедитсияи Қоратеппа фаъолона ширкат меварзад.

К.Като муаллифи як қатор китобҳо оид ба таърих ва фарҳанги Осиёи Марказӣ мебошад. Дар байни корҳои илмиаш, аз қабили «Дар чорраҳои Роҳи абрешим, «Сафар ба тамаддуни Евроосиё», «Одамони номдори Осиёи Миёна», «Қадимӣ будани Ҷануби Ўзбекистон» машҳуртарин асарҳои илмиву тадқиқотианд.

— Санъат, фарҳанг халқҳоро ба ҳам наздику қарин мегардонад, — мегўяд олим. — Таърихи бои бисёрасринаи кишвари шумо, анъанот ва урфу одатҳо, нотакрор будани санъати амалии халқии он дар саросари ҷаҳон ба диққату эътибор сазовор аст ва бо майлу шавқи калон омўхта мешавад. Ман ҳам ин мамлакат, фарҳанги нотакрори он, таърихи қадимаашро дўст медорам. Мукофоти воло — ордени «Дўстлик»-ро, ки ба он сарвари мамлакатамон маро тақдир намудааст, ҳамчун арзёбии волои меҳнати хоксоронаам арзёбӣ мекунам. Ба Президенти Ўзбекистон ва халқи он миннатдории самимонаи худро баён мекунам.

**(ЎзА).**

## Эътирофи саҳми олими ҷопонӣ

Чуноне ки хабар додем, мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов ҳафриётшиноси номдори ҷопонӣ Кюдзо Като бо ордени «Дўстлик» мукофотонида шуд. Ҳамин тавр саҳми олими номдор дар амиқан омўхтани таърих ва таблиғи мероси бой, ёдгориҳои қадима ва мероси фарҳангиву маънавии халқамон дар хориҷ, рушди равобити илмӣ байни Ўзбекистон ва Ҷопон муносиб тақдир гардид.

Дар Намоишгоҳи марказии Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон маросими мутантани супурдани мукофоти волои Ватанамон ба олими ҳаштодсола ба амал омад.

Фармони Президентро дар бораи мукофотонидани Кюдзо Като вазири умури хориҷаи Ўзбекистон Абдулазиз Комилов хонда, орденро ба вай супурд.

Ба тадбир президенти Фарҳангистони улуми Ўзбекистон Беҳзод Йўлдошев, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷопон дар мамлакатамон Киоко хонум Накаяма, олими ҳафриётшиноси машҳур Эдвард Ртвеладзе, ҷонишини ҳокими вилояти Сурхондарё Қувондиқ Мадартов ва дигарон суханронӣ карданд.

— Ман аз он беҳад шод ҳастам, ки меҳнати хоксоронаам бо чунин мукофоти олӣ аз ҷониби Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов тақдир карда шуд, — гуфт Кюдзо Като. — Аз ҳамин сабаб ман дар назди халқи ўзбек, роҳбарияти он сари таъзим фуруд меоварам. Ман ба он эътимод дорам, ки садаи XXI асри дўстӣ ва ризоият байни халқҳо мегардад. Зеро ордени ба ман супурдашуда ин мафҳумҳои пурарзишро дар худ мунъакис гардондааст. Ман ба мамлакати шумо бори аввал чил сол муқаддам омада будам. Ҳаёти имрўзаи Ўзбекистони мустақил, рўҳи баланд ва нерўи бунёдкоронаи халқи шумо ҳамаро дар ҳайрат гузоштааст.

Дар маросим Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Хайриддин Султонов иштирок намуд.

**Назокат УСМОНОВА, мухбири ЎзА.**

## Зафари сурхондарёгиён

Кирмакпарварони вилояти Сурхондарё шартномаи солонаи пиллатайёркуниро ба иҷро расонданд. Ба анборҳои қабул 960 тонна ашёи хоми гаронбаҳои саноатӣ супурда шуд. Ба комёбии мазкур меҳнаткашони ноҳияҳои Шеробод, Деҳнав, Ҷарқўрғон, Қумқўрғон, Тирмиз ва Олтинсой саҳми муносиби худро гузоштанд. Аз он ҷумла шербодиён 104,5 тонна, деҳнавиён 51, олтинсоиён 34,3 тонна пилла супурданд.

Кирмакпарварони вилоят ният карданд, ки боз 40 тонна пилла супоранду ҳаҷми умумии онро ба 1000 тонна расонанд.

**(Хабарнигори худамон).**

## Бухоро мунтазири меҳмонон

***Аз 26 май то 1 июн дар шаҳри Бухоро мусобиқаҳои варзишӣ дар байни донишҷўёни масканҳои маълумоти олии ҷумҳурият таҳти унвони «Универсиада-2002» ба амал меоянд. Ва он маротибаи дуюм гузаронда мешавад.***

Бояд тазаккур дод, ки мусобиқаи аввал дар шаҳри Намангон ба амал омада, барои оммавӣ гардидани варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар байни муҳассилин нақши калоне бозид ва инро далелҳои мазкур низ собит мекунанд.

Соли 2000 дар сексияҳои варзишӣ ҳамагӣ 7-8 фоизи донишҷўён иштирок карда бошанд, ин нишондиҳанда алҳол қариб ба бист фоиз расидааст. Яъне алҳол бист фоизи донишҷўён-ҷавонписарону духтарон бо варзиш мунтазам машғул мегарданд. Танҳо соли гузашта дар донишкадаҳои таълими олии ҷумҳурият асбобу ускунаву либосҳо ва ҷиҳозоти варзишӣ ба андозаи 100 миллион сўм харид гардиданд. Дар ҳамаи донишкадаву донишгоҳҳо толору майдончаҳои варзишӣ сохта ва ё аз таъмири асосӣ бароварда шуданд.

«Универсиада»-и Намангон дар бобати дарёфти соҳибистеъдодҳои нав нақши калоне бозид. Қаҳрамонони ин мусобиқаҳо алҳол шарафи Ўзбекистони маҳбубро дар мусобиқаҳои мухталиф ҳимоя мекунанд. Аз он ҷумла, тими Ўзбекистон, ки баъди ин мусобиқаҳо таркиби худро муайян кард, дар «Универсиада»-и умумиҷаҳонӣ дар Чин соли гузашта иштирок намуда, дар байни намояндагони 168 мамлакат ҷои 21-умро ишғол намуд. Онҳо аз ин мусобиқаҳои байналхалқӣ бо 5 медал — як тилло, ду нуқра ва ду биринҷӣ баргаштанд. Универсиадаи Бухоро ҳам нақши ба худ хосеро дар бобати ташкил додани тими Ўзбекистон мебозад. Чунки соли оянда дар шаҳри Дейгуи Ҷумҳурияти Куриё Универсиадаи навбатии умумиҷаҳонӣ ба амал меояд.

Дар Бухоро донишҷўён-варзишгарон аз рўи дувоздаҳ намуди варзиш қувва меозмоянд. Имсол бори аввал ба мусобиқаҳо тўби дастӣ, шиноварӣ ва дзюдо барин навъҳои варзиш дохил карда шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки баробари Бухоро ба ин мусобиқаҳо варзишгарони ҷавонамон низ тайёрии пухта диданд. Сараввал мусобиқаҳо дар байни гурўҳҳо ва факултаҳо ба амал омада, дар он беш аз 120 ҳазор нафар иштирок намуданд. Баъд байни донишкадаву донишгоҳҳо мусобиқаҳо ба амал омада, дар он 10 ҳазор нафар иштирок намуданд ва ғолибони онҳо асоси тимҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошкандро ташкил доданд. Дар байни онҳо бисёр варзишгароне ҳастанд, ки дар мусобиқаҳои «Баркамол авлод», ки дар шаҳри Ҷиззах байни муҳассилони литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар ба амал омаданд, иштирок намудаанд. Зеро онҳо алҳол донишҷўёни донишкадаву донишгоҳҳо гардидаанд.

Аз рўи маълумотҳои пешакӣ дар мусобиқаҳои «Универсиада-2002» 2200 нафар варзишгар-донишҷў аз ҳамаи вилоятҳо ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистону шаҳри Тошканд иштирок мекунанд. Маҳорати онҳоро 1195 довари баландмалака таҳти сарварии Р.Исков баҳо медиҳанд.

Ба мусобиқаҳои мазкур омадани бисёр меҳмонон дар назар дошта шудааст. Дар байни онҳо қаҳрамонҳои бозиҳои олимпии солҳои пешин, олимон, нависандагони машҳур, ҳунарварони ҷумҳурият мебошанд. Хоҳиши ба Бухоро омадани худро намояндагони беш аз панҷоҳ давлат баён кардаанд. Оиди бозиҳои варзишии ҷавонон дар Бухоро дар Интернет сайти махсус ба забонҳои ўзбекӣ, русӣ ва инглисӣ кушода шудааст.

Бухоро бошад, ба ин мусобиқаҳо омодагии пухта дид. Варзишгоҳҳо, маҷмўи варзишӣ ва майдончаҳои варзишӣ аз нав сохта ва ё тармим гардиданд. Аз он ҷумла, варзишгоҳи марказии Бухоро, ки дар ин ҷо маросими кушоиш ва пўшидашавии мусобиқаҳо ба амал меоянд, бо назардошти талаби байналхалқӣ таҷдид ёфта, гунҷоиши он ба 25 ҳазор нафар расонда шуд. Ба ин кор 4,5 миллиард сўм маблағ харҷ гардида, кормандони даҳ ташкилоти бинокорӣ саҳми муносиби худро гузоштанд.

Чун анъана оташи мусобиқаҳо аз печи калони офтобии Пажўҳишгоҳи маводшиносии Иттиҳодияи илмиву истеҳсолии «Физика-Солнтсе»-и ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд дар гиронда шуда, онро 27 нафар варзишгари беҳтарин аз саросари ҷумҳурият то ба Бухоро бурда мерасонанд.

Ташкилотчиёни мусобиқа ҳам, ки онҳо Вазорати маълумоти оливу миёнаи махсус, Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, Кумитаи миллии олимпӣ, Кенгаши Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон ва ҳокимияти вилояти Бухоро мебошанд, ба он умед доранд, ки натиҷаҳои баланд ба даст меоянд ва бозиҳои варзишии «Универсиада-2002» дар китоби таърихи варзиши ҷумҳурият саҳифаи нави дурахшонро боз мекунад.

**(Мухбири худамон).**

*Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон*

## Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон **карор мекунад:**

Ба санадҳои зерини қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон тағйироту иловаҳо дохил карда шаванд:

**1. Қисми сеюми моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 3 сентябри соли 1993 «Дар бораи таъминоти давлатии нафақавии шаҳрвандон»** (Ахборотномаи Шўрои Олии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, рақами 9, моддаи 338; Ахборотномаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, соли 1995, рақами 12, моддаи 269; соли 1997, рақамҳои 4-5, моддаи 126; соли 1998 рақами 9, моддаи 181; соли 1999, рақами 5, моддаи 12; соли 2001, рақами 5, моддаи 89) соқит карда шавад.

**II. Ба Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 6 маи соли 1994 «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо барои мошинҳои ҳисобкунии электронӣ ва заминаи маълумотҳо»** (Ахборотномаи Шўрои Олии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, соли 1994, рақами 5, моддаи 136).

**1) ба қисми якуми моддаи 1:**

сархатти дуюм баъди суханони «ҷамъулҷамъи маълумотҳо» масалан: моддаҳо, ҳисобу китобҳо) бо суханони «дар шакли мушаххас ифодагардида ва» пурра гардонда шавад;

сархатти сеюм баъди суханони «маълумотҳо ва тимҳо» бо суханони «дар шакли мушаххас ифодагардида ва» пурра гардонда шавад;

**2) ҷумлаи аввали қисми дуюми моддаи 3** дар таҳрири зайл баён гардад:

«Ҳуқуқи муаллифӣ ба барномаи дилхоҳи мошинҳои ҳисобкунии электронӣ ва заминаи маълумотҳое, ки натиҷаи фаъолияти эҷодии муаллифии (ҳаммуаллифони) чопгардида ва чопнагардида мебошаду дар шакли мушаххас новобаста аз таъинот ва сарват ифода гардидааст, дахлдор мебошад»;

**3) дар моддаи 9:**

номгузории модда дар таҳрири зайл баён гардад:

**«Моддаи 9. Ҳуқуқ барои номнавискунӣ ва бақайдгирии барномаҳои мошинҳои ҳисобкунии электронӣ ва заминаи маълумотҳо»:**

аз қисми аввал суханони «мувофиқи мақомоти дахлдори назди идораи патентии Ҷумҳурияти Ўзбекистон (минбаъд-Оҷонсӣ номида мешавад) бо суханони «дар идораи давлатии патентии Ҷумҳурияти Ўзбекистон (минбаъд Идораи патентӣ номида мешавад) иваз карда шавад»;

дар қисмҳои дуюм-шашум суханони «Оҷонсӣ», «Оҷонсӣ», «Оҷонсӣ», «Оҷонсӣ» мутобиқан бо суханони «Идораи патентӣ», «Идораи патентӣ», «Идораи патентӣ», «Идораи патентӣ» иваз карда шаванд»;

қисми ҳаштум дар таҳрири зайл баён гардад:

«Барои содир кардани арзи амали аҳамияти ҳуқуқӣ доштае, ки бо номнавискунии барномаҳои мошинҳои ҳисобкунии электронӣ ва ё заминаи маълумотҳо ва номнавискунии шартномаҳо дар бораи вогузоштани ҳуқуқ ба истифодабарии барномаҳои мошинҳои ҳисобкунии электронӣ ва заминаи маълумотҳо алоқаманд ҳастанд, боҷи патентӣ ситонда мешавад. Боҷи патентӣ ба Идораи патентӣ барои сарпур кардани хароҷотҳои он оиди амалӣ гардондани вазифаҳои дар Қонуни мазкур пешбинигардида дода мешавад. Ҳаҷм ва тартиби додани боҷи патентиро Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон муқаррар мекунад»;

**4) дар қисми дуюми моддаи 10** калимаи «Оҷонсӣ» бо суханони «Идораи патентӣ» иваз карда шавад;

**5) қисми сеюми моддаи 12** дар таҳрири зайл баён гардад:

«Шахсе, ки соҳиби ҳақиқии нусхаи барномаҳои мошинҳои ҳисобкунии электронӣ мебошад, метавонад нусхаи онро ба мақсади омўхтан ба коддарорӣ ва сохтори ин барнома ҳангоми дар даст доштани ризоияти хаттии муаллиф ва ё дигар соҳиби ҳуқуқӣ бидуни ризоияти он зиёд кунад, агар:

иттилооте, ки дар натиҷаи нусхабардорӣ гирифта шудаасту барои амалиёти мутақобила новобаста аз маълумоти шахси таҳиянамудаи барномаи мошини ҳисобкунии электронӣ бо дигар барномаҳо зарур асту аз дигар манбаъҳо гирифтан мумкин нест;

нусхабардорӣ нисбати танҳо он қисми барномаҳои мошинҳои ҳисобкунии электронӣ амалӣ гардонда мешавад, ки барои ташкили чунин амалиёти мутақобила зарур аст;

иттилооте, ки дар натиҷаи нусхабардорӣ гирифта шудааст, наметавонад барои таҳия, истеҳсол ва паҳн кардани барномаҳои мошинҳои ҳисобкунии электронӣ, агар аз рўи ифода бо барномаи нусхабардорӣ кардашудаи мошинҳои ҳисобкунии электронӣ монанд бошад ва ба дигар амалиёти дилхоҳе истифода гардиданаш мумкин нест, ки ҳуқуқи муаллифиро халалдор месозад;

**6) Қонун бо моддаи 16** мазмунаш зайл пурра гардонда шавад:

**«Моддаи 16. Ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонии хориҷӣ**

Шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонии хориҷӣ аз ҳуқуқҳое баробар истифода мебаранд, ки Қонуни мазкур ба шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва ё дар пойгоҳи усулияти байниҳамдигарӣ муқаррар кардааст».

**III. Ба Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 26 апрели соли 1996 «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон»** (Ахборотномаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, соли 1996, рақамҳои 5-6, моддаи 59):

**1) дар моддаи 1:**

дар сархатти дуюм суханони «истифодабарӣ дар хоҷагии инфиродӣ» бо суханони «дигар мақсадҳо» иваз карда шавад;

дар сархатҳои сеюм, чорум, панҷум суханони «тадбиргари хусусӣ» бо суханони «тадбиргари инфиродӣ» иваз карда шавад;

**2) қисми дуюми моддаи 6** бо сархатти мазмунаш зайл пурра гардонда шавад:

«хабар дар бораи истифодабарии фонограммаҳо ҳангоми ба рўи об баровардани тадбирҳои театриву консертӣ»;

**3) матни моддаи 9** дар таҳрири зайл баён гардад:

«Қоидаҳо дар бораи намудҳои ҷудогонаи шартномаҳои хариду фурўш, ҳамчунин қоидаҳои фурўхтани намудҳои ҷудогонаи молҳо (корҳо, адои хизмат)-ро Ҳукумати Ҷумҳурияти Ўзбекистон тасдиқ менамояд»;

**4) дар қисми сеюми моддаи 22** суханони «мақомоте, ки ба фаъолияти зиддиинҳисоротӣ ваколатдор гардидааст» бо суханони «Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба аз инҳисорот баровардан ва рушди рақобат» иваз карда шавад;

**5) дар моддаи 25:**

номгузории модда дар таҳрири зайл баён гардад:

«Ваколати Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба аз инҳисорот баровардан ва рушди рақобат ва мақомоти ҳудудии он»;

дар сархати аввал суханони «мақомоте, ки ба фаъолияти зиддиинҳисоротӣ ваколатдор гардидааст ва мақомоти маҳаллии он» бо суханони «Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба аз инҳисорот баровардан ва рушди рақобат ва мақомоти ҳудудии он» иваз карда шавад;

**6) дар моддаи 27:**

дар қисми дуюм суханони «Мақомоте, ки барои фаъолияти зиддиинҳисоротӣ ваколатдор гардидааст ва мақомоти маҳаллии он» бо суханони «Кумитаи давлатӣ оид ба аз инҳисорот баровардан ва рушди рақобат ва мақомоти ҳудудии он» иваз карда шавад.

қисми панҷум бо мазмуни зайл пурра гардонда шавад:

«Ситондани ҷарима тайёркунандаро (иҷрогар, фурўшандаро) аз ўҳдадории барҳам задани қонуншикании роҳгузошта озод намекунад»;

қисмҳои панҷум, шашум ва ҳафтум мутобиқан қисмҳои шашум, ҳафтум ва ҳаштум дониста шаванд.

**IV. Қисми аввали моддаи 31 Кодекси андози Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 24 апрели соли 1997 тасдиқ гардидааст** (Ахборотномаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, соли 1997, замимаҳои рақамҳои 4-5, рақами 9, моддаи 241; соли 1998, рақами 3, моддаи 38, рақамҳои 5-6, моддаи 102, рақами 9, моддаи 181; соли 1999, рақами 1, моддаи 20, рақами 5, моддаи 124, рақами 9, моддаи 229; соли 2000, рақамҳои 5-6, моддаи 153; соли 2001 рақамҳои 1-2, моддаи 23, рақами 15, моддаи 89, рақамҳои 9-10, моддаи 182; соли 2002, рақами 1, моддаи 20) бо банди 26 мазмунаш зайл пурра гардонда шавад:

«26 аз ҷамъи маблағе, ки ба сифати қусури суғуртавӣ (маблағи суғуртавӣ) аз рўи шартномаи суғуртавӣ гирифта шудааст».

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд, 5 апрели соли 2002.

# Ҷашнвораи мардумӣ даъват мекунад

***Аз 23 то 28 май дар Бойсун ҷашнвораи кушоди фолклорӣ таҳти унвони «Баҳори Бойсун» ба амал меояд***

Моҳи маи соли 2001 ЮНЕСКО масоҳати фарҳангии Бойсунро дурдонаи эҷодиёти даҳонакии халқ ва мероси ғайриоддии инсоният эътироф намуд. Ба ҳамин муносибат дар ноҳияи мазкури вилояти Сурхондарё ҷашнвораи байналхалқӣ гузаронда шуда, дар он намунаҳои аз ҳама беҳтаринни мусиқии мардумӣ, ҳамосаи халқӣ, асарҳои хунармандони халқӣ ва либосҳои мардумӣ ба ҳукми тамошогарон пешкаш карда мешаванд.

Бойсун минтақаи нодири этнофолклорӣ ба ҳисоб рафта, дар ин ҷо ҷузъҳои фарҳанги қадимаи Кӯшон ва Бохтари қадима нигоҳ дошта шудаанд. Дар урфу одатҳо ва фарҳанги моддии Бойсун ба ҳам омезиш ёфтани маданияти этнографии халқҳои қадимаи суғдӣ, туркӣ ва Эронӣ шарқӣ мушоҳида гардида, намудҳо ва жанрҳои ба худ хоси мусиқӣ ба назар мерасад. Дар бисёр деҳаҳои Бойсун сурудҳои суннатӣ ва меҳнатӣ мақоми калон дошта, дар тӯйҳо мусиқии созӣ дар якҷоягӣ бо навоҳои сурнаю дойра, ва най, думбра садо дода, ба кас кайфияти тамоман нав мебахшанд. Сурудҳои меҳнатӣ ва тақвимӣ низ бештар садо медиҳанд. Ҳамаи он аз ин гувоҳӣ медиҳад, ки дар Бойсун мероси бои аҷдодон хуб маҳфуз ёфта меояду бо мазмуну мундариҷаи замонавӣ ғанӣ мегардад.

Мусиқии тааллуқи тӯю сурҳо ва урфу одатҳо, ҳамосаи мардумӣ, рақсҳои мардумии хос ба мардону занон, бозиҳои мардумиро дар ин ҷо дар ҳар деҳаву шаҳрак пай мебаред ва онҳо дар хотираи халқ боқӣ монда, умри дубораи худро мебинанд, аз барномаи ҳунарии дастаҳои ҳунарии фолклориву этнографии Бойсун «Шалола» иштирокдорони бисёр ҷашнвораҳо ва озмунҳои эҷодиёти халқии на танҳо мамлакатамон, балки берун аз ҳудуди он ҷой гирифтаасту ба он шавқу завқ пайваста баланд мегардад.

Аз рӯи нақшаи ташаббускорон- созмондиҳандагони ҷашнвора — Бунёди хайроти ба номи Турғун Алиматов, гурӯҳи ширкатҳои «СМ Осиё», Ҷунбиши иҷтимоии ҷавонони «Камолот» маълум мегардад, ки дар тӯли се рӯз дар Бойсун азназаргузаронӣ - озмуни ансамблҳои фолклорӣ-этнографӣ, иҷрогарони ҳамосаи мардумӣ — бахшиён, мусиқии анъанавии созӣ, ҳамчунин озмуни дизайнерони либосҳои анъанавӣ гузаронда мешавад. Аз барномаи ҷашнвора намоишгоҳ-ярмаркаи маҳсулоти ҳунармандии халқӣ ва конфронси илмӣ таҳти унвони «Фолклор ва санъати мардумӣ дар пойгоҳи фарҳангу кунунии бадеӣ» ҷойгир шудааст.

Бойсун ба ин ҷашнвораи байналхалқӣ, ки таҳти васояти ЮНЕСКО гузаронда мешавад, тайёрии ҳамаҷониба дид. Корҳои зиёди тайёрӣ ва ташкилӣ оид ба қабули иштирокдорони ҷашнвора — мусиқанавозон, бахшиён, достонсароён, олимони ҷумҳурият ва аз хориҷ ба иҷро расонда шуданд. Боғе ташкил карда шуд, ки дар майдончаи эстрадии он намоишномаҳои ҷашнвора ба ҳукми тамошогарон пешкаш карда мешавад. Осорхонаи таърихи ҳунармандии халқӣ ва санъати мардумии Бойсун сохта шуд — Бойсун ҳамаи дӯстдорон ва писандидагони санъати халқиро барои иштирок ба ҷашнвораи эҷодиёти даҳонакии халқ даъват намуд, ки он бешак маскани муколамаи фарҳангӣ ва рабобити эҷодӣ гардида, ба маҳфузияти анъаноти ба худ хоси эҷодиёти халқ мусоидат карда, дили авлоди наврасро бо анъаноту урфу одати мардумӣ, мусиқии фолклорӣ ва ҳунармандии бадеӣ гармтар месозад.

**Лобар МУҲАММАДҶОНОВА, унвонҷӯй.**

# «Обу хоки диёр азиз аст»

**— мегӯяд ҳокими ноҳияи Бойсун, депутати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Тӯрақул ҲАМРОЕВ**



Ноҳияи Бойсун аз қадимтарин мавзеъҳои воҳаи Сурхон аст. Ин диёр бо табиати нотакрору маданияту фарҳанги бой, бо одамони машҳури хеш чӣ дар ҷумҳурӣ ва чӣ дар хориҷ маълуму машҳур аст. Соли 15-ум аст, ки ин ноҳияро роҳбари чашмикордон, депутати Олий Маҷлиси Ӯзбекистон Тӯрақул Ҳамроев сарварӣ мекунад. Дар давраи роҳбарии ин марди хоксору бошуҷоат бисёр ободониҳои чашмрас ба амал омад. Ба қарибӣ паёмнигори мо бо Тӯрақул Ҳамроев мусоҳиб шуд.

**— Тӯрақулака, сараввал мехостем чанд сухан дар бораи он дигаргуниҳое ки солҳои охир дар ноҳия ба амал омадаанд,сухан мегуфтед.**

— Солҳои зиёд аст, ки бо тақозои тақдир дар вазифаҳои гуногун кор мекунам. Ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки кори барои имрӯз пеешбинишуда ба сомон расад. Чанд сол қабл дар кӯчаҳои шаҳр шинондани дарахтҳои манзаравиро ба нақша гирифта будем. Ба мо лозим омад, ки дарахтҳои солҳои пеш шинондаро аз беху бунёдаш барканда, ҷӯйбори бетонӣ кашида пас аз он дарахти арча шинонем. Ҳамин тавр ҳам кардем. Аз ин чанд сол гузашт ҳоло гапҳо бофтанд. Ин арчаҳои сарсабзро ки ба ҳусни кӯча ҳусн зам мекунанд, дида баҳри дили кас кушода мешавад.

Ё ин ки боғи «Алпомиш»-ро гирем, ин мавзеъ ҷои ноobод буд. Бо қувваи ташкилоту муассисаҳо ҳомиён ва роҳбарияти бевоситаи ҳокимият ин боғ бунёд карда шуд. Ҳоло боғу дарахтзорҳои ин мавзеро дида ба бунёдкорони он аҳсант мегӯянд. Боғу роғҳои дашти Изма, токзорҳои Работ дар чанд соли охир бо заҳмати сокинон бо воситаи ҳашари умум бунёд карда шуданд. Чанд сол қабл аз ин бо кӯмаку дастгирии президенти мӯҳтарамамон Ислом Каримов ба ноҳияи Бойсун қубури газ оварда шуд. Ҳоло дар деҳаҳои Сайроб, Хӯҷабулғон, маркази ноҳия, Қарабӯйин, Посурхӣ, Боғиболо газ гузаронда шуд. Барои ин кори некро анҷом додан тамоми маҳаллаҳо, роҳбарияти ташкилоту муассисаҳо ҳиссаи хешро гузоштанд.

Барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани сокинони ноҳия як қатор корҳои шоён ба анҷом расонида шуданд. Оби Хӯҷамайхона ба сокинони деҳаҳои Дарбанд, Даҳанаи Ҷом, Хӯҷабулғон оварда шуд. Ҳоло мардуми ноҳия барои ба маркази ноҳия овардани ин оби шифобахш кор мебаранд.

Барои зиёда аз ҳазор гектар заминҳоро дар мавзеи Оқҷар ва Хонгарон обёрӣ намудан обанбори «Хонгарон» бунёд карда мешавад. Ҳоло дар ин мавзеъ як гурӯҳ сохтмончиёни ГЭС-и Тӯпаланг бо роҳбарии Валиҷон Шарифов кор мекунанд. Бояд сохтмончиён дар сарбанд зиёда аз 850 ҳазор метри мукааб сангу шағал ва хок ҷамъ оваранд. Кори бунёди ин сохтмон имрӯзҳо дар авҷ аст.

**— Аз рӯи хабарҳои расонаҳои ахбор дар ноҳияи Бойсун моҳи май фестивали умумиҷаҳонӣ бо ташаббуси ЮНЕСКО гузаронида мешавад. Тайёрӣ ба ин иди санъат чӣ гуна аст?**

— Ба хонандагон маълум аст, ки ба муносибати 2500-солагии шаҳри Тирмиз ба меҳмонон ва иштирокчиёни ин иди бошукӯҳ ҳофизон, ширинкорон ва дигар аъзоёни дастаи ҳунари «Шалола» бо баромадҳои ҷолиби худ хизмат карданд. Моҳи май дар ноҳияи мо бо ташаббуси ташкилоти байналхалқии ЮНЕСКО бо номи «Баҳори Босун» фестивали байналхалқӣ гузаронида мешавад. Дар он дастаҳои ҳунариву этнографии зиёда аз 20 мамлакатҳои ҷаҳон ва собиқ иттиҳоди Шӯравӣ иштирок мекунанд. Дар ин конкурс дастаи фолклории «Шалола» иштирок мекунад. Дар ҳайати он ҳофизон ва ҳунармандони машҳур ба монанди Сайёра Қозиева, Салом Ҳусанов, Ҳабиб Умаров, Абдунабӣ Қодиров, Абдурашид Кенҷаев, Ҷумъа Сайфиев ва гурӯҳи бахшиҳо шомиланд. Бояд қайд кард, ки сабаби дар ноҳияи мо гузаронидани чунин чорабинӣ дар он аст, ки дастаҳои фолклории «Шалола» ва «Бойсун» на танҳо дар ҷумҳуриамон, балки берун аз он маълум ва машҳур мебошанд. Ба ғайр аз он диёри мо макони ҳунармандони халқӣ буда, тамошои ҳунари ин ҳунармандон хориҷиёнро дар ҳайрат гузоштааст. Дар ноҳияи Бойсун гузаштани ин чорабинӣ рамзи тантанаи ҳунарҳои халқӣ ва санъати баланди ин диёр аст.

**— Ба қарибӣ бо саъйу ҳаракати шумо дар кони ангишти Тӯда корхонаи муштараки Амрико-Ӯзбекистон кушода шуд, мехостем дар ин бобат чанде маълумот медодед?**

— Ангишти кони деҳаи Тӯда аз ангиштҳое ба ҳисоб меравад, ки мислаш дар ҷаҳон нест. Назар ба гуфтаи мутахассисони амрикоӣ як тоннаи ин ангишт дар бозори ҷаҳонӣ 1200 доллар қиммат дорад, яъне дар мо чунин ангиштро аз дигар мамолик бо валюта мехаранд. Ҳоло дар мо онро фақат ба ҷои сӯзишворӣ истифода мебаранд, ки ба қавли амрикоиҳо гуноҳи азим аст. Ин ангиштро чун гандум эҳтиёт бояд кард. Ҳоло ин корхонаи муштарак қадамҳои аввалини хешро баҳри амалӣ гаштан мегузорад. Умед аст ки ҳамаи он ниятҳои мо ҷомаи амал мепӯшанд.

— Барои сӯҳбати самимӣ, як ҷаҳон ташаккур?

**Мусоҳиб Нуралии РАҶАБ, паёмнигори «ОТ» дар вилояти Сурхондарё.**





Барои одамонро бо кор таъмин намудан дар Ҷамъияти саҳҳомии «Косоннон»-и ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё корҳои назаррас ба сомон расонида мешавад. Ба қарибӣ дар ин ҷо сехи яхмостайёркунӣ ташкил карда шуд, ки дар он ҳашт намуди яхмосҳо бароварда мешавад. Сехи мазкур аз ӯҳдаи дар муддати як моҳ аз панҷуним то ҳафт тонна яхмос баровардан мебарояд ва ноҳияи Косонро бо ин ғизои лаззатнок таъмин менамояд.

**Дар аксҳо:** 1. Сехи яхмостайёркунӣ. 2 Мудири сех ва ходими он **Дилрабо ҒАЙБУЛЛОЕВА.** 3. Коркуни пешқадами сех **Наргиса ҲУСЕЙНОВА** дар як шабонарӯз ду ҳазор дона яхмос тайёр мекунад.

**Суратгир: Мурод КОМИЛОВ.**



# Ба диққати муштариёни «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё

Дар шаҳри Қаршӣ қабулхонаи «Овози тоҷик» ба кор сар кард, ки ба фаъолияти он мухбири рӯзнома дар вилояти Қашқадарё Улдон Қараева роҳбарӣ мекунад. Қабулхона дар шоҳкӯчаи Мустақиллик хонаи рақами 22, «Хонаи матбуот» ҷойгир аст.

Арзу шикоят, дархостҳоятонро ба он ҷо ирсол карданатон мумкин аст. Ба мақсади фароҳам овардани шароити қулай ба шумоён дар он ҷо телефон ҳам гузошта шудааст, ки рақамҳои он ин зайл аст:

***4-52-35. Коди шаҳри Қаршӣ 37722 мебошад.***

**Идораи рӯзнома**

***Рӯзи бузургдошти Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ***

**Иброҳим ХУДОЁР, доктори улуми филологӣ.**

# Дарсе аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ барои Ирону Турон

**(Баҳсе кӯтоҳ дар бораи фарҳангу гавҳар бар «Шоҳнома»)**

«Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, ки ба ҳамосаи миллии Ирону ҷаҳон шӯҳрат ёфтааст, дар тӯли беш аз ҳазор соли офариниши худ на танҳо дар даруни марзҳои имрӯзӣ, балки дар байни ҳамсоягони он, то фарҳангҳо дурдаст низ аз маҳбубияти хосе бархурдор аст. Ба гунае, ки «Шоҳнома» ва паёму фарҳанги он на танҳо дар байни оммаи авом, балки дар миёни подшоҳон ва дар бориёни кишварҳои мухталиф, ки гоҳе ҳамзамон бо Ирон дар ҳоли ҷангу ҷидол буданд, ривоҷи беназир ва аҷибе доштааст. Ба унвони мисол, салотини усмонӣ ба дамли ихтилофоте, ки умдатан ношӣ аз таассуб ва таззоди мазҳабӣ ва рӯҳияи кишваргушоии онҳо буд, бо ҳамсояи худ Ирон аҳди Сафавия мудом дар ҷангу гурез буданд. Вале таваҷҷӯҳи онон ба «Шоҳнома» шигифтангез буд. Ба гунае ки дар дарбори ин ҳукком шоҳномахонӣ яке аз « муносиб расме буд... Ориф (Фатҳуллоҳ Аҷамӣ) даргузашта ба 969 ҳиҷрии қамарӣ шоҳномахони Сулаймон Қонунӣ, Алоуддин Мансури Шерозӣ ва баъд аз ӯ Саид Луқмон Узмави шоҳномахони Салими дуввум (буданд)...» (Дуктур Муҳаммад Амини Раёҳӣ. Фирдавсӣ. Теҳрон, «Тарҳи нав», чопи аввал, 1975 ш, саҳ. 345).

Дар тамоми ҷумҳуриҳои Қафқозу Мовароии Қафқоз аз Арманистон гирифта то Гурҷистону Озарбойҷон, Туркия, Осиёи Миёна, Покистону Шибҳи Қораи Ҳинд, Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ аз чунон маҳбубияте бархурдор аст, ки илова бар номҳои «Шоҳнома», ки дар байни мардуми ин ҷумҳуриҳо мавриди истифода қарор мегирад, мардуми ин сарзаминҳо «Шоҳнома»-ро ҷузъи ганҷинаи фарҳанги худ ба ҳисоб меоваранд. Чаро ин гуна аст? Рози ҷаҳонӣ будани Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» дар чист?

Ба назар мерасад иллати ин маҳбубиятро бояд дар паёми ҷаҳонӣ ва абадии «Шоҳнома» ва дарсҳои ҷовидониву фаро миллии ин китоби азим шумурд. Китобе, ки ойинадори хираду нодонӣ, зиндагиву марг, ишқу нафрат, ҷангу сулҳ, некиву бадӣ ва саранҷом ситези доимии байни Аҳурамаздо ва Аҳриман дар набарди доимӣ ба шакли бисёр зебову бадеъ ба тавсир кашидааст. Он чи миллатҳои ин кишварҳоро ошиқи «Шоҳнома» кардааст, паёмҳои ҷовидонӣ ва бархоста аз фитрати тамоми инсонҳост.

Мегӯянд дар миёни се бахш—асотирӣ, паҳлавӣ ва торихии «Шоҳнома», рӯҳи «Шоҳнома» дар бахши паҳлавонии он нуҳуфта аст ва рӯҳу чакидаи қисмати паҳлавонии «Шоҳнома» ҷанги байни Ирону Турон аст. Бинобар ин, интизор меравад, ки ҳикоятҳои «Шоҳнома» ҷанги байни ду нажод ва ду қавм бошад ва ҳосили он нафрату хашми доимии байни он ду?! Ва агар ин гуна бошад, чаро мардумони Туронзамин ин гуна «Шоҳнома»-ро дӯст доранд?! Бинобар ин, матлаб чизи дигаре ва он паёми инсондӯстии «Шоҳнома» ва барканории он аз нажодпарастист, ки мо намунаи вайронгари онро ҳамин имрӯз ҳам дар ҳамин қарни бист, ки иддаои тамаддун ва пешрафти он гӯши фалакро кар кардааст, мебинем. Ҳама мо қарни бистумро бо ҳаводиси хунбораш фаромӯш накардаем. Ҳанӯз бӯйи хуну борути инсонҳои мутамаддини қарни бистум ба машом мерасад.

Ду ҷанги ҷаҳонии ин қарни гузашта, ки беш аз панҷоҳ миллион инсон қурбонӣ гирифт, магар ба ғайр аз ангезаҳои нажодпарастиву бартариталабӣ чизи дигар буд? Аммо паёми «Шоҳнома» дар ҷанги Ирону Турон фаротар аз ҷанги ду нажоду кинаву хашми пасти ду қавм буд.

Медонем, ки Фирдавсӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ (X милодӣ) мезист. Бинобар ин, вай ва нажоди вай беш аз севу ним қарни таҷрибаи зистан дар дарун фарҳангӣ ва мактаберо бо худ дошт, ки бунёдгузори он «дини ислом» буд ва Фирдавсӣ дар саросари «Шоҳнома» ба он меболид:

*Туро дину дониш раҳонад дуруст*
*Раҳи растагорӣ бубояд т ҷуст.*
*Агар дил нахоҳӣ ки бошад нажанд*
*Нахоҳӣ, ки доим бувӣ мустаманд*
*Ба гуфтори пайғамбарат роҳ ҷӯй*
*Дил аз тирагиҳо бад ин об шӯй.*

(«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Жул Мул. Бо муқаддимаи дуктур Сиёвуши Огоҳ, чопи аввал, интишороти «Гулистони китоб», саҳ.4).

Дар дини ислом он чи мояи бартарии як шахс бар дигарест, фақат ва фақат тақвову парҳезгорист, на чизи дигар. Нажод, ҷинс, забон, қудрат ҳеҷ таъсире дар бартарии бахше надорад.

Муҳимтарин паёми ислом буд, ки дар сийраи амалии паёмбараш ҳазрати Муҳаммад (с) ҷилвагар шуд. Салмони Форсӣ бо Суҳайби Румӣ ва Билоли Ҳабашӣ бо қабоили Қурайши араб ҷуз ба хотири тақво ҳеҷ бартарӣ бар якдигар надоштанд.

Фирдавсӣ холиқи «Шоҳнома» низ фарзанди ҳамин дин аст ва алорағми таъкид бар фардои эзади ва нажоди пок аз ҷодаи адлу инсоф по фаротар намениҳад.

Бинобар ин, агарчи мо дар «Шоҳнома» шоҳиди ҷангҳои тӯлонии байни ирониёну тӯрониён ҳастем, вале ҷангҳову дифоҳо фақат ба хотири иҷрои адлу дод аст ва ҳаргиз бӯйи нажодпарастӣ аз он ба машом намерасад.

Мо ҷиҳати баррасии ин мавзӯъ дар бахши тoрихиву паҳлавонии «Шоҳнома» бо овардани абёте аз «Шоҳнома» ба баррасии ин мавзӯъ мепардозем. Фирдавсӣ аз забони Бузургмеҳр, ки рамзи доноии Ирони бостон ва Ирони «Шоҳнома» аст, дар ҷавоби Анӯшервон подшоҳи сосонӣ, ин гуна ба баёни тафовути нажоду фарҳанг мепардозад:

**(Давомаш дар саҳифаи 4.)**

# Ба пешвози ёздаҳсолагии истиқлолият

# Одами ҳаётшинос

Публисист ва нависандаи маъруфу тавонои тоҷик, устод Болта Ортиқзода гули сари сабади ҳар давраю ҷонфидои фарҳанги миллат буданду бо асарҳои сершумори насрии худ, ки аз ҳикояву қиссаҳо, публисистика, очерку мақолаҳои проблемавӣ иборат буданд, қасри мӯҳташамеро сохтанд, ки барои вайрон кардани он на шамолу тӯфон, на хунукии қаҳратун ва на гармии тоқатнофарсо қодиру қобил аст. Яъне Болта Ортиқзода номи худро дар саҳифаҳои таърих бо асарҳои сершумори хеш, рафтору пиндору гуфтори нек абадӣ гардонданд.

Болта Ортиқзода (1924-2001) умри пурбаракатро аз сар гузаронда, аз худ мероси боеро боқӣ гузоштанд, ки боиси фахру ифтихори мост. Махсусан устод дар солҳои истиқлолияти Ӯзбекистон сермаҳсул гаштанд ва силсилаи асарҳоеро эҷод карданд, ки аз ҷиҳати умдагии мавзӯъ ба куллӣ аз китобҳои пештараашон фарқ мекард ва дар он бештар урфу одатҳои миллӣ, фазилатҳои ба худ хоси халқамон тараннуми худро ёфта, аз қалби китобхонону муштариёни сершуморе сахт маъво пайдо карданд. Асари «Чор ҳикоят», қиссаи «Ворисони Ибни Сино», «гулдастаи ривоятҳо» аз ҷумлаи онҳоянд, ки алҳол аз даст ба даст гузашта мутолиа мегарданду аз ҳақиқатан одамшиносу мардумшинос ва ҳаётшинос будани нависанда гувоҳӣ медиҳад. Махсусан китобхонон дар бораи китоби «Чор ҳикоят» фикру мулоҳизаҳои сершумори худро баён мекунанд ва зикр менамоянд, ки он асари тарҷимаи ҳолӣ буда, ҷараёни воқеаҳоро аз ҳаёти вазнину пурпечутоби худи адиби маъруф нақл мекунад.

Инак, муштариёни азиз ба ҳукми шумо асари навбатии Болта Ортиқзодаро пешкаш мекунем, ки охири соли гузашта, каме пештар аз фавташон аз ҷониби нависандаи маъруф ба идораи рӯзнома пешкаш гардида буду бо баъзе сабабҳо «намак» хӯрд. Муаллиф ҳаққи қалами онро ба сандуқи рӯзнома бахшида, илтимос карда буданд, ки онро ба пуррагӣ ба ҳукми муштариёни «Овози тоҷик» пешкаш намоем. Ва хоҳиши нависандаро ба ҷо оварда, аз ҳамин шумора эътиборан онро ба ҳукми шумоён, муштариёни азиз, пешкаш мекунему ба ҳамин рӯҳи нависандаро бори дигар шод мегардонем ва мегӯем: Шумо ҷисман дар байни мо набошед ҳам, вале рӯҳан ҳамроҳи мо ҳастед, аз қалби ҳар кадом шахси адабиётдӯсту меҳандӯст сахт маъво пайдо кардаед.

**Сармуҳаррир.**

*Болта ОРТИҚЗОДА*

# САРФАГАРИ САРИ ОТАШДОН

*Қисса*

## МОДАР

Салоҳиддин фарзанди аз ҳама калонии оила буд. Вай институти хоҷагии қишлоқро бо умедҳои калон хатм карда дар деҳаи худ агроном шуд. Зан гирифт, бачаву кача кард. Чанд сол сар-сари вот гашта, ба деҳқону боғбонҳо кор ёд медод. Навигариҳоро меомӯзонд.

Аммо раиси хоҷагӣ одами ноӯҳдабаро буд. Ба талаву тороҷ роҳ медод. Атрофиёнаш ба чор тараф мекашиданд, хоҷагӣ то таги гарданаш ба қарз ғӯтида буд. Вале Салоҳиддин ба ҳарому ҳариш даст намезад. Ҳамеша худро канор мегирифт. Илоҷе карда, ҷои корашро дигар карданӣ буд.

Инак, оҳи мардумро худо шуниду Ҷумҳурияти Ӯзбекистон соҳиби истиқлол гардид. Ба деҳқонон ҳуқуқи мустақилона кор карданро доданд. Салоҳиддин аввалин шуда, аз канори деҳаи ҳамсоя, аз ҷои обу ҳавояш тоза омада даҳ гектар замини корам гирифт. Ба се гектари он полез, дар ҳафт гектараш току анҷир, долу дарахтони мевадор шинонд. Онҳо саросар сабзида, намуди боғро гирифтанд. Баъди ҳамин рӯидаричаашонро (томарқа) боғчаву ҷои навободро Боғи Калон номиданд.

Соли дуюмаш Салоҳиддин ду додарашро ҳам ба зери қаноташ гирифт. Ҳар кадоми онҳо дар канори Боғи Калон ба сари худ хонаву ҷо карда, кӯчида омаданд.

Аммо хости худо, умри падарашон кӯтоҳ будааст, фавтид, фарзандон модарашонро танҳо намонданд. То соли падарашонро гузаронданд, ҳамеша аз ҳоли ӯ бохабар буданд. Ба назди модарашон бештар худи Салоҳиддин меомад. Мабодо кори зарураш баромада монад, албатта завҷаашро мефиристонд. Додаронаш ҳам бепарво набуданд. Модар аз ҳамаи фарзандонаш розиву ризо буд. Фақат онҳоро дуо мекарду бас.

Рӯзе завҷааш ба Салоҳиддин гуфт:

— Дадеш, бо шумо як маслиҳат дорам, — изҳор намуд ӯ. — Ба қарибӣ соли падаратонро гузарондем. Шумо писари калонӣ, медонед, ки дар як ҳавлии васеъ танҳо хобидани модаратон аз рӯи инсофу адолат не. Он кас чевар, зани бисёр оқилу доноянд. «Сарфагари сари оташдон, беҳ аз савдогари Ҳиндустон» гуфтани мақоли халқӣ ба феълу атвор, табиати модаратон хеле мувофиқ меояд. Бинобар ҳамин он кас ба рӯзгори мо обу ҳаво барин заруранд. Фарзанд калон карда истодаем. Ба кӯдаконамон сар шуда...

Салоҳиддин муддате хомӯш монд. Баъди дуру дароз хаёл карданаш андешамандона:

— Рост мегӯӣ, агар очаам ба хонаамон меомаданд, нағз мешуд, — гуфт вай. — Вале ҳеҷ чашмам намерасад. Аз ҳама муҳимаш, ҳавлиашонро танҳо монда, чароғи падарамро кушта...

— Ман ҳам ба ин тавр шуданаш розӣ нестам, дадеш, — гуфт завҷааш. — Лекин роҳи дигараш ҳаст: додаронатон бо шумо аҳлу тифоқанд. Ба гапатон медароянд. Фақат як хоҳари муштипар доретон, ки бачаҳояшон бисёру дар қабати болои хонаи ҳукуматӣ, дар иҷора мешинанд. Кадом вақт вонахӯрам, бечора, фақат аз тангии хонаҳояшон меноланд. Агар додаронатон розӣ шаванд, ҳавлии падаратонро ба номи хоҳаратон хат карда доданатон лозим. Аз ин кор ҳам модаратон мамнун мешаванд, ҳам чароғи падаратон хомӯш намегардад.

— Дар воқеъ, ин маслиҳати бисёр оқилона, — гуфт Салоҳиддин. — Пеш аз ҳама бо модарам, сонӣ бо додаронам вомехӯрам. Ба хаёлам, ба ин гап ҳамаашон розӣ мешаванд.

Чи хеле ки мегӯянд, фарзандон аҳл бошанд, кор саҳл мешудааст. Гуфтугӯяшон тӯл накашид. Баъди понздаҳ рӯз хоҳарашон ба ҳавлии падараш кӯчида омаду чароғи ӯро гиронд. Аҳли деҳаро хабар карда, ба арвоҳи падараш хатм бахшонд. Пас аз ҳамин модар ба назди писари калониаш, ба даргоҳи Салоҳиддин кӯчида омад.

## ҶУММАКИ ВОДОПРОВОД

Модари Салоҳиддин Офтобой ном дошт, синнаш аз шаст гузаштагӣ бошад ҳам, мӯяш ҳанӯз бисёр сафед нашуда буд. Бекор ништанро бад медид. Вай чун занҳои миёнсол тамоми рӯз меҷунбид. Дақиқае ором намегирифт. Аз ин ҷост, ки мардум ӯро Офтоб-хола меномиданд. Ҳамеша ҳурмату эҳтиромаш мекарданд.

Офтоб-хола гӯё се рӯзи аввал дар хонаи писараш меҳмон буд. Вай ба ягон кор даст намерасонд. Келинаш ҳам ба ӯ чизе намегуфт. Мисли пешина пагоҳии барвақт мехесту наҳорӣ тайёр мекард. Ҳамаро хӯронда, шикамашонро сер кунонда, баъд ба кораш, ба Боғи Калон мерафт. Рӯзе ду, баъзан се маҳал барои кӯдаки ширмакаш ба хона меомад. Ӯро мемакконду зуд ба оқибаш бармегашт. Бо кораш машғул мешуд.

Фарзанди калониаш — Сурайё синфи сеюмро тамом карда буд. Ҷолоку чаққон, озода, ба корҳои рӯзгор шавқу ҳаваси баланд дошт. Дасту панҷааш меҷаспид. Илова ба ҳамин, додарчаашро худаш ба гаҳвора мебасту худаш мекушод. Ӯро мебардошт, бозӣ медоронд. Кӯдак ҳам ба вай сахт унс гирифта буд. Худро ба сӯяш мепартофт. Дар бағалаш ором менишаст. То гурусна намонад, беҳуда гиря намекард.

Офтоб-хола рӯзи ҷорӯми омаданаш пагоҳӣ барвақт хесту бо оби офтоба дасту рӯяшро шуст. Сурайё ҳанӯз дар ҷогоҳаш мехобид. Модар писарашро ба наздаш хонд. Келинаш рӯи суфаро мерӯфт. Як-як қадам монда писараш омад.

— Салоҳиддин, ин коратон хуб нест, — ба зану шавҳар расонда гуфт Офтоб-хола. — Ҳозир ба шаҳр раву ҷуммаки водопровод харида, мурваташро тофта, оби водопроводро банд. Дар вақти даркорӣ кушоетону дигар баста монетон.

— Шумо аз ҷорӣ шуда истодани оби он ҳаргиз натарсед, оча, — бо табассум ваҷҳ овард Салоҳиддин. — Поёноби ҷӯча рафта ба оби калон мефурояд, ҳеҷ куҷо нам намекашад. Хавфу хатару надорад.

— Ман «нам мекашад» нагуфтаам, писарам, — ин дафъа овози модар қатъй садо медод. — Аввало зану шавҳар каме фикр кунетон. Худатон нағз медонетон, ки бачаҳо ҳама корҳои неку бадро аз хона, аз падару модарҳояшон меомӯзанд. Беҳуда рафта истодани оби водопроводро мебинанду онҳо ҳам мурвати газро тофта маҳкам намекунанд. Чароғҳои электрикии саҳни ҳавлӣ тамоми рӯз фурӯзон меистад. Бачаҳо худ аз худ ба бепарвой, исрофкорӣ одат мекунанд. Онҳоро дигар аз ин роҳ гардондан амри маҳол мегардад.

Сонӣ, худатон ҳам андаке ба инсоф биёетон. Охир, ҳукумататон ҳамин обро аз пушти Ҷӯпон Ато, аз қаъри замин кашида, ба таги хонаатон оварда медиҳад. Ба ҷои шукрона гуфта, миннатдор шудан, шумоён онро ба ҷӯи калон ҷорӣ мондетон. Ин исрофкорӣ, уболи маҳз-ку. Хосият ҳам надорад. Баракаи рӯзгору хонадонатонро мепарронад.

Зану шавҳар як-як ба ҳамдигар нигоҳ карда, бо сари хам ба андеша фурӯ рафтанд. Гӯё тамоми вуҷудашон суст, ба даҳон кушодан маҷолашон набуд.

— Ҷуммаки водопроводро ҳамин рӯз дуруст мекунам, оча, — писар ба модараш ваъда дод. — Ин ҳол дигар такрор намешавад.

Гапи Салоҳиддин рост баромад. Вай баъди пешин ба мили водопровод ҷуммаки нав оварда шинонд. Ба фарзандонашон таъкид карданд, ки минбаъд онро баҳудаву беҳуда тоб надиҳанд. Ҷуммак боз вайрон мешаваду оби водопровод беҳуда исроф мегардад.

## ТУХМИ ХАРБУЗА

Модараш Сурайёро пеш аз ба кор, ба Боғи Калон рафтан ба даҳлез имо кард. Вай зуд ба наздаш даромад. Ду чашм аз даҳони модараш намеканд.

— Сурайёхон, — сари ӯро навозишкорона сила кард модараш. — Медонӣ? Акнун модаркалонат меҳмон не. Он кас бошандаи доимии хонаи мо шуданд. Дурусттараш, сарвари оила, ба ҳама маслиҳату машварат медиҳанд. Кор меомӯзонанд.

— Вай, чи хел нағз, бийиҷон, — Сурайё аз шодӣ модарашро маҳкам оғӯш кард. — Ҳеҷ гоҳ ба хонаашон намераванд-мӣ?

— Не, намераванд, — гуфту боз таъкид намуд вай. — Лекин ту ҳамеша ба гуфтаҳояшон гӯш кун. Корҳояшонро зеҳн монда, аз таҳти дил омӯз. Кадом наберае, ки дуои модаркалонашро мегирад, вай ҳеҷ гоҳ бой намедиҳад. Ҳамеша хушбахт мешавад. Умри дароз мебинад. Дар оянда дар намемонад.

Сурайё гуфтаҳои модарашро бо ҷумбондани сар қабул кард. Хотири модар ҷамъ шуда, худи ҳамон дам ба кораш рафт. Чи хеле ки мегӯянд, ҳаёт бо як маром давом мекард. Сурайё гоҳ додарчаашро аз гаҳвора кушода мебардошт, гоҳ ба корҳои модаркалонаш ёрӣ мерасонд. Ба гӯсфанду мурғонаш обу дон медод. Ҳамеша аз ҳоли онҳо бохабар буд.

Харбузаи Боғи Калон ғарқ пухт. Дар хонадонашон рӯзе чандин харбуза мекуштанд. Шираи онҳо лабҳояшонро мекафонд. Дасту панҷаҳояшон ба ҳамдигар чип-чип меҷаспиданд. Чун харбузаро хӯрда мешуданд, Офтоб-хола ба Сурайё мефармуд, ки пӯчоқро бурда ба тағораи гӯсфандон резад. Аммо тухми харбузаро бараду дар офтоби тамуз, дар рӯи бӯйро гузошта паҳн кунад. Вай пас аз чор-панҷ рӯз хушк мешавад. Ғундошта ба тӯрбаҳо меандозанду дар як ҷо зер мекунанд.

**(Давомаш дар саҳифаи 4.)**

# САРФАГАРИ САРИ ОТАШДОН

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

— Онаҷон, «тухми харбузаро дар офтоб паҳн кун» гуфтед-мӣ? — Сурайё дудила буд. — Мо онро ҳар вақт бо пӯчоқ ба гӯсфандон, ёки бурда ба пеши мурғон мерехтем. Онҳо мехӯрданд.

— Нодуруст мекардетон, Сурайёҷон, — мефаҳмонд Офтоб-хола. — Медонӣ, исту бисти тухми харбуза равған аст. На танҳо тухми харбуза, ҳамаи тухмҳо ҳамин таванд. Бинобарин онро ба гӯсфанд, ёки мурғ додан куфрони неъмат. Уболи маҳз мешавад.

— Чӣ? Куфрони неъмат? — ҳайрон шуд Сурайё. — Охир, мо онро ба гӯсфандону мурғонамон медиҳем. На бурда ба ахлотқуттӣ мепартоем. Чӣ хел куфрони неъмат мешавад?

— Ин гапат ҳам дуруст, Сурайёҷон, — иқрор шуд Офтоб-хола. — Ба хаёлам, ин корҳоро бо сухан фаҳмондан амри маҳол мешавад. Беҳтараш, ту ҳоло гуфтаҳои маро кун. — Тирамоҳ шавад, ҳамаашро бо чашми худ як-як мебиниву сонӣ бовар мекунӣ, фаҳмидӣ?

Сурайё хомӯш монд. Рӯзу моҳҳо гузаштанду тирамоҳ омад. Бо тухми харбуза чаҳор тӯрбаи зард пур шуда буд. Ҳар кадоми он аз чил кило зиёдтар вазн дошт. Рӯзе набераву модаркалон деги калонро пур карда об гарм карданд. Вай қариб ба дараҷаи ҷӯшидан расида буд. Тухми тӯрбаҳоро ба чанд тағора тақсим карда андохтанду оби нимҷӯшро аз болояш рехтанд. Муддате нагузашта, тухмҳои харбуза латта барин нарм шуданд. Набераву модаркалон онҳоро дар байни кафҳои дастонашон гирифта ғиҷим карда, атола барин карданд. Баъди ҳамин, кам-кам ба ғалбери майдачашм андохта молиш додан гирифтанд. Аҷиб, ки ифлосиҳояш худ ба худ ба поён мегузаштанд. Дар ғалбер фақат тухми харбуза монду бас. Вай пурра-пурра, ба мағзи писта шабоҳат дошт. То бегоҳӣ боз дар офтоби тамуз паҳн карданд. Тухми харбуза хушк шуд. Вай писта барин шақаррос мезад. Чашми касро мебурд.

Дар миёнҷои деҳа, дар паҳлӯи масҷид ҷувозкаше мезист. Вай бо ҳалолкориву инсофнокӣ ном бароварда, равғани кашидаашро ҳамеша аз худи ҷувозхона мефурӯхт. ҳеҷ гоҳ ба бозор намебурд.

Рӯзе Офтоб-хола аз тухми харбуза шаш килояшро дар тарозу бар кашида, набераашро бо чобачае ба назди ҷувозкаши деҳа фиристод.

— Бурда ба дасти ҷувозкаш те, — таъкид намуд вай. — Равған медиҳад. Бегоҳӣ ош мекунем.

Набера гуфтаи модаркалонашро кард. Ҷувозкаш даҳони халтаи ӯро кушода, тухми харбузаро ба ин тарафу он тараф хеле гардон-гардон карда дид. Ба табъаш форид.

— Офарин! Корҳои модаркалонат ба таъриф меарзанд, духтарак, — мамнун шуд ҷувозкаш — Дидӣ? Тухми овардаат ҳам хушк, ҳам ягон дона пуч надорад. Худо хоҳад, аз нисф зиёдтар равған медиҳад. Ҳама вақт овардан гир.

Ҷувозкаш ҳамин гапҳоро гуфту ба чобачаи ӯ се кило равғани зағир андохта дод. Сурайё баъди ҳамин фаҳмид, ки тухми харбуза кони фоида, равғани кори калон медодааст. Гуфтаҳои модаркалонаш сад фоиз рост баромаданд. Дар ҳақиқат ҳам онро ба гӯсфанду мурғ додан, ёки бурда ба ахлотқуттӣ партофтан куфрони неъмат, уболи маҳз будааст.

(Давом дорад.)

*Ситораҳои санъат*

# МАКТАБИ РАҚС

**Сӯҳбат бо сардиректори Иттиҳодияи «Ӯзбекрақс», Ходими шоистаи санъати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Юлдузхон ИСМАТОВА**

**— Юлдузхон, Шумо яке аз шогирдони содиқи раққосаи санъати рақси миллӣ шодравон Мукаррама Турғунбоева ҳастед. Чӣ ёдбудҳое доред аз он кас?**

— Устод Мукаррама, бо вуҷуди он кас, ки соли 1913 дар шаҳри Шаҳрихони вилояти Андиҷон дида ба дунё кушудаанд, вале дар ноҳияи Олтиариқи вилояти Фарғона дар дасти тағо бузург шудаанд. Барояш мактаби нахустини рақс маҳфили рақси клуби занону духтарон буд.

Вақте ки по ба остонаи омӯзишгоҳи педагогӣ ниҳод, чаҳордаҳ сол дошт. Дар ин даргоҳ таҳти роҳбарии Фотима Йӯлдошева (роҳбари маҳфили рақси омӯзишгоҳ) ҳунарашро такмил дод. Дар ҳар рақс ҷилои паҳлӯҳои нави алмоси истеъдодаш ба чашм мерасиданд, рӯз ба рӯз мухлисони ҳунараш зиёд мешуданд.

Ҳамон солҳо ба мақсади ҷамъоварии сурудҳои халқӣ ва намудҳои рақс таҳти роҳбарии Муҳиддин Қориёқубов ансамбли сайёри бадей- этнографӣ ташкил дода буданд. Ансамбли мазкур дар вилояти Фарғона истеъдодҳои зиёдеро кашф намуд ва озмуни рақсҳои миллии ӯзбекро эълон кард. Ҳайати ҳакамоти озмун таҳти роҳбарии Муҳиддин Қориёқубов ва Тамарахоним Мукаррама Турғунбоева ва Ҳалима Раҳимоваро ғолиб донист. Онҳо аз ҳамон рӯз (соли 1928) ба узвияти ансамбл қабул шуданд.

Соли 1929 дар назди комиссариати маорифи халқ нахустин театри драмавӣ- таҷрибавии мусиқӣ пой ба саҳни амалиёт ниҳод, ки дар заминаи ансамбли сайёри бадейэтнографӣ ташкил дода шуда буд. Дар театр актёрони ҷавон ба кор сар карданд. Мукаррамаапа раққосаи театр буд.

Мегӯянд, ки шогирди беустод ба ҳар мақом мегардад. Кӯдакон ҳатто сабақҳои нахустинро, ки ҳанӯз хому ибтидоист аз волидайн мегиранд. Аз ин дидгоҳ устодони Мукаррама Турғунбоева санъаткорони машҳур буданд. Ба он кас ҳунари рақсро Зуҳур Қобилов, Музаффар Муҳаммадов, устодони рақси мумтоз — Константин Бек, Вера Губская, Екатерина Обухова, устодони халқӣ-Тамарахоним, Усто Олим Комилов, Юсуф Шокирҷонов ва Алӣ Ардобус Иброҳимов барин инсонҳо ҳаматарафа омӯхтаанд.

Мукаррамаапа дар рақс усулу шеваи хоси худиро доштанд, ки рақсашон аз рақси дигарон дар хирому ҷозиба фарқ дошт.

Ҷилваҳои рақс... Вуҷуди инсонро аз эҳсос саршор гардонад, ҳангоме ки рақкоса ба рақс меояд, гӯё дили ту ҳамроҳи ӯ мерақсад,ба сайри чаман меравӣ, дар сатҳи уқёнуси лоҷувард, рӯй-рӯи амвоҷ сабук ҷастухез мекунӣ, то ба осмонҳо парвоз мекунӣ...

Ҳангоме ки Мукаррамахон мехиромад, одаму оламро дӯстхоҳӣ дошт, беихтиёр, шефтаву шайдои бонувон мешавӣ, пеши чашмонат ҳама зебоиҳои ӯ ҷилва мекунанд.

Чӣ дар рақс ва чӣ ҳангоми иҷрои нақшҳо дар театр Мукаррамаапа роҳу равиши хосса доштанд. Нақши Асалхонро дар спектакли «Андарун», Анорхонро дар «Рафиқон», Асия ва Зеборо дар мазҳакаи «Аршин Мололон» хеле хуб иҷро кардаанд. Он кас санъати сарояндагӣ низ доштанд. Таҷрибаи рақс ва санъати акёрии эшон дертар ба корҳои балетмейстрӣ низ кӯмак расондааст. Зеро барои ба саҳна гузоштани рақсҳои мазмундор, шартҳои драматургиеро донистан зарур аст. Тақозои пешаро бинед, ки ман низ вақте ки дар театри «Муқимӣ» фаъолият доштам, актёрӣ, рақкосагӣ ва балетмейстерӣ кардаам.

**— Яъне Мукаррамаапа на танҳо рақкосаи машҳур, балки аз актёрони хушсалиқа низ будаанд?**

— Бале, он кас истеъдоди модарзодӣ доштанд. Дар баробари ривоҷи рақс ба рушди балети миллӣ низ саҳм гирифтаанд.

Яъне сухан ин ҷо аз ҳунари балетмейстерии он кас меравад. Соли 1935 дар спектакли «Гулсара», ки мусиқаашро Тӯхтасин Ҷалилов навиштааст, саҳнаҳои рақс бар дӯши Мукаррамаапа буд. Баъди чор сол дар нахустин балети мумтози ӯзбек — «Шоҳида» Мукаррама Турғунбоева дар баробари иҷрои нақши Шоҳида рақсҳо ба саҳна гузошт. Дар даҳҳо операву балет устод нақш бозид. «Озодчеҳра», «Соҳили бахт», «Фаввораи Боғчасарой», «Гуландом», «Бозуи сафед», «Фарҳод ва Ширин» аз ҷумлаи инҳост.

Рақс танҳо бозӣ доштани дасту по нест. Бояд дар ҳар рақс мазмуне нуҳуфта бошад. Рақс бояд таърихамонро, урфу одатҳоямонро бозгӯ кунад. Худ дар пайравии устод дар саҳнаҳо либреттоҳои «Васфи муҳаббат», «Нодира», «Увайсӣ», «Нур аз мозӣ», «Бурҷи Улуғбек», «Нидои муҳаббат» (дар асоси асари Навой «Саъбаи сайёр», «Маликаҳои Темурӣ», «Зани Кӯқанд» ва «Дарахти некӣ»-ро офаридам. Дар урфият мегӯянд, ки шогирд аз устод бояд гузарад. Ин мафҳуми ниятест. Номи Мукаррама Турғунбоева дар саҳифаи таърихи санъати миллӣ бо хатти зар навишта хоҳад шуд.



**— Юлдузхон, ансамбли «Баҳор» ифтихори мардуми мост. Аз нигоҳи шумо барои такмили он боз тадбирҳоро бояд амалӣ намуд?**

— Суоли барҷо. «Баҳор» ба шӯҳрати Ӯзбекистон афзуд, бо номи ӯ дар ақсои олам ҳунарнамоӣ кард. Апаи Мукаррама ҳамчун балетмейстери комил даҳҳо рақси муҷаррад ва муштарак офариданд, ки ҳар кадом ҷилои хосе дошт.

Мукаррамаапа дар тӯли фаъолияти хеш анъанаҳои рақси халқиро бо рангу ҷилоҳои нав идома доданд. Анъаноти рақси ҳамаи гурӯҳҳои этникии ҷумҳурият дар рақсҳои офаридаи он кас муҷассам гардид. Рақсҳои «Пахта», «Валси баҳор», «Себи Намангон», «Полкаи Андиҷон», «Рақси бузург» (усули фарғонагӣ), «Роҳат», «Баёт», «Бофанда» (рақси бухорой) аз он қабиланд. Дар ҷумҳурияти мо тадбирҳои ҷашнӣ хеле зиёданд. Кулли тадбирҳо бе саҳнаҳои рақсӣ намегузаранд. Балетмейстерҳои ангуштшумори мо баҳри дилкашу назаррабо гузаштани тадбирҳои идона ҳамеша заҳмат мекашанд, ба роҳи тайкардаи Мукаррамаапа барин дарғаҳои санъат назари ибрат меафкананд. Бояд ба қадри заҳмати балетмейстерон расид ва ба равнақи санъаташон имкониятҳо фароҳам овард.

Аз рӯзе ки Иттиҳодия таъсис ёфт, дар ҳар вилоят шӯъбаҳои «Ӯзбекрақс» ташкил дода шуд, ки аз нигоҳи услуб, тарзи иҷро якдигарро такрор намекунанд. Ҳар як вилоят мусиқа, тарзи либоспӯшӣ ва анъаноти хос дорад. Балетмейстерони Иттиҳодия рақсҳои якдигарро таҳлил мекунанд, таҷриба иваз менамоянд. Ҳамаи ин паи беҳбудии кор аст.

Агар ансамбли «Баҳор» ҷиноре буд, аз решаи ин имрӯз даҳҳо ансамбл рӯид. Ин ҷинорро Мукаррамаапа шинонда буданд.

Рақсҳои шогирдону ҳамсафони апа Қундуз Миркаримова, Иброҳим Юсупов, Шокир Аҳмедов, Холидахон Муҳиддинова, Зуҳро Ғиёсова, Гавҳар Мадраҳимова, Пӯлод Мадраҳимов ва Дилбар Юнусоваҳо ба саҳна гузошта имрӯз тамошобинони ватаниву хориҷиро мутаваҷҷеҳ сохтаанд. Аммо мо аз ин пешравиҳо набояд саргаранг шавем. Дар солҳои истиқлолият халқамон ба комёбиҳои зиёде ноил гашт. Арзишҳои миллӣ эҳё мешаванд. Бояд акнун боғи санъати рақсамон низ беш аз пеш гул кунад, бор орад истиқлолро таҳким бахшад.

**Мусоҳиб Карим НОРМАТОВ.**

# Дарсе аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ барои Ирону Турон

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

*Зи доно бипурсид пас додгар,*
*Ки фарҳанг беҳтар бувад гар гуҳар.*
*Чунин дод посух бад ӯ раҳнамун*
*Ки фарҳанг бошад зи гавҳар фузун.*
*Ки фарҳанг ороиши ҷон бувад*
*Зи гавҳар сухан гуфтан осон бувад.*
*Гуҳар бе ҳунар зору хорасту суст,*
*Ба фарҳанг бошад равон тандуруст...*
*...Хирад мардро хилъати эзадист*
*Аз андеша дур асту дур аз бадист...*
*...Агар бахшишу донишу расму дод*
*Хирадманд гирд оварад бо нажод*
*Бузургиву афзуниву ростӣ*
*Ҳамегирад аз хӯйи бад костӣ.*

(«Шоҳнома». Маҳдии Қариб, Муҳаммад Алии Беҳбудӣ, ҷ.4, Интишороти Тӯс, чопи аввал, 1374 ш, саҳ. 260-261).

Фирдавсӣ эътиқод дорад, ки фарҳанг, ки дар назари ӯ иборат аз ҳадди ақал 7 вижагӣ — хирадварзӣ, фурӯтанӣ, хештандорӣ ва адами худситой, бахшишу саховат, донишу улум, расм (суннатҳои неки ниёкон), хушхулқӣ ва аҳлоқи нек аст, бартар аз нажоду гавҳар (аслу насаб) аст. Бинобар ин, ҳар инсон ва ҳар нажоде, ки худро бо ин вижагиҳо ва хислатҳо ороиш диҳад, бешак, дар радифи инсонҳои фарҳехтаи ҷаҳон ва мардумашу қавмашро аз ақвоми мутамаддун ва пешрав хоҳад буд. Ва ин дарс бузургест ки мо мебояд аз «Шоҳнома» биомӯзем. Ҳамчунон ки ингуна ба некӣ бархӯрд карданд, «Фирдавсӣ ҳангоме ки ба шарҳи ҳукмравоии Рустам дар Туронзамин мепардозад, ингуна аз забони Рустам ба Гударз паҳлавони иронӣ панду андарз медиҳад:

*Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,*
*Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.*
*Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад*
*Равонам, ҳаме аз ту ромиш барад».*

(«Шоҳнома». Жул Мул, дуктур Огоҳ, ҷ.1, саҳ.356 ва низ нигоҳ кунед ба бахши севвуми китоби «Бӯса бар хоки пайи Ҳайдар», Абулҳасанӣ, интишороти Ибрат, тобистони 1378).

# Турфа олам

## Дарахтони нирӯбахшу заҳрдор

Дарахтон аз қадим то ҳол ба инсоният мадад мерасонанд. Одамон барои аз захму хастагиҳо раҳой ёфтан бештар ба дарахтон муроҷиат кардаанд ва мекунанд ҳам. Ба фикри олимони табиатшинос дарахтон ба дарду захми одамон марҳам мешудаанд ва на ҳамаашон ҳам хусусияти дармонбахширо доштаанд.

Дар поён мисолҳое оварда мешаванд, ки кадом дарахт дармонбахшу кадомаш захрдор аст, аён мегардад. Аз ҳамин сабаб баъзеяшон нирӯ мебахшанду баъзеашон дармони одамро хушк мекунанд.

Дар оғӯши қарағайзор одамон бештар нафаси осуда мекашанд. Дарахти тӯс ба инсон ҳузуру ҳаловат мебахшад. Дарахти эман бошад, дар кас ҳисси тарсу бимро бедор мекунад. Вале бе тарсу ваҳм ба он наздик гардед, бе ягон муҳобат аз он нирӯ мегиред.

Сафедори кӯҳӣ дардро аз кас раҳо мебахшад. Аз ҳамин сабаб сар дард кунад, ба сари дардманд ғӯлаи сафедори кӯҳиро мегузоранд. Аз сафедори кӯҳӣ кирми ҷӯб ва дигар зарарасонҳо мегурезанд. Аз ҳамин сабаб дар сохтани гумбази калисоҳо бештар истифода бурдаанд. Аксар чоҳҳо ва заминканҳо аз сафедори кӯҳӣ сохта шудаанд. Илм исбот кардааст, ки сафедор бемории зукомро давост рӯҳро таскин мебахшад.

Дарахти қарағай бошад, нирӯи хайратовар аст, ки ба кас мадору қуввати нобаҳангом бахшида, вуҷудро дар мубориза алайҳи иллатҳо баранмегезад.

Дар боғи ботаникии Ҷакарта — пойтахти Индонезия дарахти закум месабзад. Дар шоххҳои он паррандагон бе ягон тарсу бим шину хез мекунанд. Вале ба пӯстлоқ ва барги он даст расонед, аз худ захр мепошад. захри он одамро ба ҳалокат расонданаш мумкин.

## Гаронии рафтори девона

Воқеаеро, ки дар наздикии шаҳри Йсханнесберг рух додааст, бе ягон муҳобот мӯъҷиза гуфтан лозим меояд. Сокини маҳаллаи Самсон Фето, ки гирифтори бемории рӯҳӣ аст, ба ҳудуди истгоҳи барқӣ дохил гардид. Вақте ки посбон ӯро дида, огоҳӣ дод, роҳи гурезро пеш гирифт. Ҳангоми гурез ба чашмаш чизе намудор намегардид. Аз ҳамин сабаб худро ба сими 11 ҳазор волт шиддати барқӣ дошта зад ва гумонбар шуд, ки бо ҳамин ҷон медиҳад.

Аммо аланга бархосту посбонони истгоҳӣ ба ҷои воқеа расида омада, ин ҳолатро муоина карда, ҳангу манг шуда монданд. Зеро трансформатор пачақ гардида, симҳо об шуда, пойафзоле месӯхту Самсон зинда буд. Каме баданаш сӯхта, табассум аз лабонаш канда намешуд.

Ва посбонон ҳикмати халқиро пеши назар оварданд, ки худи Офаридгор ба бачагон, майзадаҳо ва девонаҳо хайрхоҳ аст.

Вале рафтори Самсони девона ба дигарон, алалхусус сокинони гирду атрофи истгоҳи барқӣ гарон афтод. 250 ҳазор нафар аҳолӣ дар тӯли чанд рӯз аз қувваи барқ маҳрум гашт.

## «Лекин»-ҳо оиди телевизор

Барномаҳои телевизор фарзандони моро фарбеҳ, кундзеҳн ва бешафқат мегардондааст. Олимони австралиягӣ баъди тадқиқотҳои чандинсола ба чунин хулоса омадаанд. Дар мамлакати мазкур ҳатто кӯдаки чормоҳа ба телевизор «руҷӯъ» кардааст. То панҷсолагӣ одатан кӯдакон ҳар рӯз ба ҳисоби миёна ду соатӣ телевизор тамошо мекардаанд. Мактабхонони австралиягӣ нисбати мактаб барои телевизор вақти зиёди худро сарф мекардаанд. Бозиҳои мухталифе, ки дар телевизор ба ҳукми тамошогарон пешкаш карда мешаванд, барои аз байн бардоштани бисёр бозиҳо мусоидат мекардааст, ки то ҳол дар байни бачагон маъмул буду маҳбубияти калоне дошт. Баъди тамошои филмҳои мӯхталифи детективӣ бачагон бераҳм, бешафқат гардида, зӯровариро мақсади худ қарор медодаанд ва он дар оянда ба ҷамъият офати сахт хоҳад гардид.

## Миҷозаш гарм бошад, магар ӯ гунаҳкор аст?

Дар зимистони қаҳратун албатта, шахси дар бар либоси тунук доштаро муоина кунед, як тааҷҷубатон сад мегардаду ину он гӯён тахмин мекунед. Вале кас дар фасли зимистон дар бар танҳо як курта дошта бошаду ба хунукӣ «парвое» накунад, дар он сурат аз дил филфавр мегузаронед, ки « ба ин шахс чӣ шудааст, дар ҳамин хунукӣ либоси тунук ба бар гирифта, барои худро ба дами марг фиристодан барин баробар аст. Шояд ин шахс девона бошад?».

Ба Борис Чевелаи қазонӣ ҳам одаме, ки бори аввал дар фасли зимистон рӯ ба рӯ мегардад, чунин баҳо доданаш аз эҳтимол холӣ нест. Бе ягон муҳобот ӯро девона пиндоштанаш ҳам мумкин аст. Ӯ хонандаи гимназияи Қазон аст ва дар хунукии 30-40 дараҷа ҳам бо як курта бемалол гашта метавонад. Ва ин корро ба мақсади ба даст овардани шӯҳрат ва ё обрӯву эътибор намекунад. Баъзеҳо гумонбар мешаванд, ки ӯ ин корро барои худнамой мекунад. Алалхусус кормандони мақомоти ҳифзи қонуну қоида.

Ба гуфти худи Борис ӯ ҳатто дар ин хунукӣ, яъне 30 ва 40 дараҷа ба бар костюмро гирад, хешро ноҳинҷор ҳис мекунад. Зеро якбора обу арақ пахш карда, чӣ кор карданашро надониста мемонад. Танҳо баъзан бо фармону амри волидон аз таги курта майка мепӯшаду халос. Гоҳо аз рӯи одоб ба маҷлис ва ё ҷамъомаде ба бар костюмро мегирад. Вале ҳамин ки тадбири мазкур анҷоми худро ёфт, костюмро филфавр аз бар мекашад ва худро ором ҳис мекунад.

Гап дар сари он аст, ки бадани вай мудом тафсон аст. Ҳангоми вохӯрӣ бо ҳамсинфон ва омӯзгорон вай худро ноҳинҷор ҳис мекунад. Чунки дастони тафсон ба ҳамсӯҳбат ноқулаиро ба вуҷуд меоварад. Борҳо ҳамсинфон, омӯзгорон тавсия кардаанд, ки худро ба духтур нишон диҳад. Падару модараш ҳам чандин маротиба ин ниятро карда, баъди дидани ашкони шашқатори фарзанд аз раъяшон баргаштаанд.

Вале волидонро гапу калочаҳои ҳамсоягон, шиносу ношиносҳо ба ташвиш гузоштааст. Онҳо ину он гӯён ба дили волидони Борис тухми ташвишу изтиробро мекоранд. Аммо Борис аз ин гапу калочаҳо парвое намекунад. Мегӯяд, ки ба гуфти волидон дар авлоди онҳо чунин одамон гузаштаанд. Масалан, бобои Борис ҳам дар фасли зимистони қаҳратун бо як курта гаштааст ва касе ба ӯ ину он гӯён дӯғу пӯписа ҳам накардааст.

Вале ба Борис ҷабр аст. Чунки ӯро ягон кас фаҳмидан намехоҳад ва баъзан дар мактабаш талаб мекунанд, ки чун дигарон дар бар костюму палто дошта бошад. Алалхусус, ба кормандони милиса худо додааст. Баъзан тасодуфан Борис дар кӯча пайдо шавад, ӯро безорӣ, авбош гӯён ҳатман ба идораи худ мебаранд ва истинтоқ мекунанд. Бо ҳамин васила вай чандин маротиба меҳмони миршабхона гардидааст.

## «Сардори» морон

Томмӣ Сахартои индонезиягӣ дар давраи морони афъӣ, ки аз сад адад зиёданд, дар як хона беш аз ду моҳ боз вазифаи «сарвари»-ро иҷро мекунад. Томмӣ баробари чандин маротиба неш задани морони афъӣ зинда монд. Яъне вай доруе тайёр карда буд, ки ба муқобили захри морон таъин гашта. Ва ба мақсади озмоиши ин дору худро ба ҳалқаи морони афъӣ гирифт. Вай зиндаву саломат монд ва морон шояд дар симои ӯ барои худ сарвари ӯҳдабароро диданд, ки дигар неш намезананд.

Дар айни замон тахмин меравад, ки морон ӯро шояд «сарвар»-и худ интихоб карда бошанд. Зеро ҳамин ки Томмӣ аз хона ба мӯҳлати муайян нопадид мегардад, яъне барои хӯрдани доруи тайёркардааш меравад, онҳо ноором мешаванду аз паи дарёфташ мешаванд, бо ҳам «ҷангу ҷидол» мекунанд.

# ҶАҲОННАМОИ КЕШРӮД



Маркази телевизион (Телемарказ)-и вилояти Қашқадарё имрӯзҳо баҳри ҳиссагузор будан ба азнавсозиҳои ҷабҳаҳои мухталифи ҷамъият, мустаҳкам намудани истиқлоли Меҳан ва дигаргунсозиҳои иқтисодии он саъю кӯшиши беандоза дорад. Дар ин ҷо қариб 30 нафар ходими эҷодӣ ва техникӣ фаолият бурда, рӯзҳои чоршанбе, ҷумъа, шанбе ва якшанбе дар давоми се соат бо мухлисони телевизион мулоқот менамоянд. Барномаҳои «Давраҳои дилхуш», тележурнали «Назокат»-и Малоҳат Камолова, «Соати ҷавонон»-и Нилуфар Нуриддинова,«Фармон ва иҷро», «Ислоҳот ва самара»-и Абдуҷалол Яхшибоев, ки ҳаёти имрӯзаи воҳаи Қашқадарёро чун оина нишон медиҳанд, бинандагон хуб пазируфта номаву дархостҳои хешро мефиристанд. Ба қарибӣ коркунони телевизион ба бинои навсохти «Телемарказ» кӯчиданд, ки он барои рангоранг баромадани барномаҳо бисёр қулай аст. Студияҳои замонавӣ, ороиши он ба талаботи замон пурра ҷавоб медиҳад.

— Барои сохтани ин бинои муҳташам саҳми кадом корхона ёки ташкилот бисёртар аст? — мепурсам аз раиси Телемарказ Ҳусан Темиров.

— Даҳ сол пеш ба сохтмони ин бино шурӯъ намуда буданд. Баъди қад рост намудани деворҳо чи шуду онро ба ҳоли худаш вогузоштанд. Ниҳоят мувофиқи қарори ҳокими вилоят дар муддати кӯтоҳ сохтмони ин бино хотима ёфт. Мо аз ёрию дастгирии ташкилотҳо: Мубораконефтегаз, Шӯртангаз, Ҷамъияти саҳҳомии «Косонёғ», Қашқадарёсавдо, Қашқадарёматлуботсавдо, Узбургунефтигазгеология, Қашқадарёқурилиш, идораи роҳсозони вилоят сипосгузорем.

**— Бо асбобу ускунаҳои нави замонавӣ муҷаҳҳаз гардондани телемарказ оё ба нақша гирифта шудааст?**

— Мувофиқи Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва дастури Ӯзтелерадиокомпания, ки он дар бораи бо асбобу ускунаҳои нав муҷаҳҳаз гардондани телерадиокомпания аст, корҳои назаррас ба сомон мерасанд. Дар арафаи иди Истиклол мо телемарказро бо аппаратураҳои истеҳсоли «Сименс» муҷҷаҳаз мегардонем. Бо аппаратураи замонавӣ табиист, ки сифати барномаҳоямон боз ҳам беҳтар мегардад.

**— Масъалаи такмили ихтисоси хабарнигорон, тасвирчиён ва ровиёни телевизион чи гуна ҳаллу фасли худро меёбад?**

— Онҳо ба телерадиокомпанияи Ӯзбекистон рафта таҷриба меомӯзанд. Ҳоло 14 нафар ходими телевизион дар маркази забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Қаршӣ дар курси шашмоҳаи забони англисӣ таҳсил мегиранд. Зеро барои бо асбобу ускунаҳои замонавӣ бемалол кор кардан забонҳои хориҷиро донистан муфид аст.

Мувофики фармони Президенти Ҷумҳуриямон бо маблағ таъмин намудани телевизион низ нағз ба роҳ монда шудааст. Телемарказ 3 тиражи бозии лотереяи «Хазиналар ороли»-ро гузаронд ва он бевосита тавассути телевизион намоиш дода шуд. Симои Қашқадарё бо ҳамкории кенгаши вилоятии Ҳизби Халқӣ-Демократии Ӯзбекистон газетаи «Эфирда Қашқадарё»-ро нашр мекунад, ки зиёдии теъдодаш дар байни рӯзномаҳои вилоят ҷойи нахустинро ишғол мекунад. Асри XXI асри мӯъҷизаҳост. Бисёриҳо тавассути антенаҳои пароболӣ аз навигариҳои олам хабардор мегарданд, ба фаъолияти журналистон баҳо медиҳанд. Оре, тамошобини нуктасанҷ аз коркунони телевизион, аз журналистон барномаҳои хубу, ҷолиби диққат ва навигариҳоро чашмдор аст. Телемарказ Қашқадарё бошад, баҳри ин ҳамеша дар ҷусту ҷӯ аст.



**Улдон ҚАРОЕВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

**Дар аксҳо:** 1. Раиси телерадиокомпанияи вилоят, шореҳи футбол **Ҳусан ТЕМИРОВ**. 2. Намуди умумии бинои навсохти телемарказ.

Ҷамоаи «Овози тоҷик» ва Бунёди фарҳанги тоҷик «Ориёно»-и Тошкандшаҳр аз вафоти узви Иттиҳоди оҳангсозони Ӯзбекистон, яке аз фаъолони рӯзномаву Бунёди фарҳанги «Ориёно».

**СОБИР КАРИМҲОҶӢ**

сахт андӯҳгин буда, ба аҳли байташ аз Худои мутаъол сабри ҷамил металабанд.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

*Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.*

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

*Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 444.*
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **Т. ИКРОМОВ.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.